«Тасдиқ мекунам»
Раиси Федератсияи
муҳорибаҳои гуногуншакли
Ҷумҳурии Тоҷикистон
_______________Ҷураев Д.М.
«20» октябри соли 2020

«Мувофиқа карда шуд»
Раиси Кумитаи ҷавонон ва варзиши
назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
_______________Раҳмонзода А. Қ.
«___»_______________ соли 2020

# НИЗОМНОМА
## дар бораи гузаронидани мусобиқаи ҷумҳуриявӣ оид ба муҳорибаҳои гуногуншакли ғайрикасбӣ
**Душанбе**
**11-13 декабри 2020 сол.**

## 1. Мақсад

1. Рушди варзиши муҳорибаҳои гуногуншакли ғайрикасбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.
2. Тарғибу ташвиқи тарбияи ҷисмонӣ ва тарзи ҳаёти солим дар ҷомеа.
3. Тарбияи ҷавонон дар руҳияи ватандустӣ.
4. Баланд бардоштани фарҳанги муҳорибаҳои гуногуншакли ғайрикасбӣ дар ҷомеа.
5. Интихоби варзишгарони беҳтарин ба дастаи миллии Федератсияи муҳорибаҳои гуногуншакли ғайрикасбии ҶумҳурииТоҷикистон.

## 2. Макон ва таърихи баргузории мусобиқа

Мусобиқаи мазкур санаи 11, 12, 13 декабри соли 2020 дар Қасри теннис ва маҷмааи варзишии обӣ, ки дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Карамова 115 ҷойгир мебошад, гузаронида мешавад.

## 3. Ташкилкунандаи мусобиқа

Роҳбарии умумии ташкил ва гузаронидани мусобиқа ба зиммаи Федератсияи муҳорибаҳои гуногуншакли ғайрикасбии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шуда, рафти қабули варзишгарон барои иштирок дар мусобиқа ба зиммаи Комиссияи қабул дар ҳайати сардовар ва доварон, саркотиб ва сардухтур гузошта мешавад. Ҳайати сардовар ва доварон тибқи тартиби муқаррargardида, аз ҷониби Федератсия муайян ва тасдиқ карда мешавад.

## 4. Тартиб, шартҳо ва қоидаҳо барои иштирок дар мусобиқа

Мусобиқаи муҳорибаҳои гуногуншакли ғайрикасбии ҷумҳуриявӣ дар асоси қоидаҳои ягонаи Федератсияи ғайрикасбии байналмилалии муҳорибаҳои омехта (IMMAF) гузаронида мешавад (замима мегардад).

Иштирок дар мусобиқа аз тарафи Комиссияи қабул иҷозат дода мешавад.
Категорияҳои вазнҳо:
Калонсолон (аз 18 сола боло)– 52,2. , 56,7., 61,2., 65,8., 70,3., 77,1., 83,9., 93.
Ҷавонон (18 - 20 сола)– 52,2., 56,7., 61,2., 65,8., 70,3., 77,1., 83,9., 93.
Мусобиқа тибқи низоми олимпӣ гузаронида мешавад.
Вақти муҳорибаҳо дар категагорияҳо:
Калонсолон (аз 18 сола боло) – 3 давр 3 дақиқа;
Ҷавонон (18 - 20 сола) – 3 давр 3 дақиқа.
Вақти танаффус дар байни даврҳо 1 дақиқаро дар бар мегирад.
Дар як мусобиқа ба варзишгар барои гирифтани кумаки тиббӣ ва ислоҳи либоси варзишӣ на зиёд аз 2 дақиқа вақт дода мешавад.

Миқдори баромадҳои варзишгарон дар категорияҳои болозикр набояд аз 2 баромад зиёд дар як рӯз бошад. Танаффус байни ҳар як баромади варзишгар бояд на кам аз 90 дақиқа бошад.

Он варзишгароне, ки дар мусобиқаҳои расмии муҳорибаҳои омехтаи касбӣ дар гузашта иштирок кардаанд, ба мусобиқаи мазкур барои иштирок иҷозат дода намешаванд. Агар дар рафти мусобиқаи мазкур аз ҷониби ташкилкунандагони мусобиқа ва доварон муайян карда шавад, ки варзишгар дар мусобиқаҳои расмии омехтаи касбӣ иштирок кардааст, варзишгар аз мусобиқа маҳрум карда мешавад ва ба рақиби ӯ ғалаба дода мешавад. Пас аз анҷоми мусобиқа, дар сурати маълум гардидани иштироки варзишгари ҷоизаидори мусобиқаи мазкур дар мусобиқаҳои омехтаи касбии расмӣ, ҷоизаи гирифтаи ӯ аз ҷониби Федератсияи муҳорибаҳои гуногуншакли ғайрикасбӣ бекор ҳисобида мешавад.

## 5. Сипарҳо ва либоси варзишӣ барои иштирок

Либосҳои варзишӣ барои иштирокчиёни мусобиқаи мазкур аз ҷониби Федератсия дода мешавад.
Аз тамоми варзишгарон хоҳиш карда мешавад, ки капаҳои хуб омодашударо истифода намоянд, ки он низ тахти муоина ва тасдиқ қарор дода мешавад.
Тамоми варзишгарон бояд бо пешбандакҳои муҳофизатӣ таъмин бошанд ва онҳоро пӯшанд.

## 6. Таъминоти молиявӣ ва бехатарии гузаронидани мусобиқа

Хароҷотҳо вобаста ба баргузории мусобиқа, ҳаққи хизмати доварон, табиб, коргарони хизматӣ ва мукофотҳо аз ҳисоби пардохтҳо и иштирокчиёни мусобиқа ва маблағҳои Федератсияи муҳорибаҳои гуногуншакли ғайрикасбӣ таъмин карда мешавад.

Ҳаҷми пардохт барои иштирок дар мусобиқа 100 сомониро ташкил медиҳад ва ба ин маблағ як шорт ва як болупуши варзишӣ дохил шуда, аз ҷониби ташкилкунандагони мусобиқа дода мешавад.

Бехатарии мусобиқа тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гузаронидани мусобиқа таъмин карда мешавад ва шартномаҳои дахлдор бо мақомотҳои масъул ба имзо расонида мешаванд.

## 7. Тартиб ва пешниҳоди дархост барои иштирок

Дархостҳои пешакӣ барои иштирок дар мусобиқа аз санаи 1 ноябр то санаи 1 декабри соли 2020 ба суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, к. Айни 24 (Кумитаи олимпии Ҷумҳурии Тоҷикистон (рақами моб. 900022838)) пешниҳод карда мешаванд. Он дастае, ки то санаи муқарраргардида дархости пешакиро пешниҳод накардааст, барои иштирок қабул карда намешавад.

Намунаи дархости пешакӣ:

Барои иштирок дар мусобиқаи муҳорибаҳои гуногуншакли ғайрикасбии ҷумҳуриявӣ

Дастаи ______________ ____________________

Рӯз / моҳ / сол

| № | Ному Насаб | Соли таваллуд | Вазн | Андозаи либос (S,M,L,XL) | Имзо |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |
| | | | | | |

Нусхаи шиносномаҳои иштирокчиён ва мураббӣ.

Мураббии даста Ному насаб ва имзо

1. Ҳуҷҷатҳои аслӣ (шиноснома, маълумотномаи тиббии муҳрдор) барои иштироки варзишгарон аз ҷониби мураббии даста ба Коммисияи қабул рӯзи мусобиқа супорида мешавад.

Дастаи ______________ ________________

| № | Ному Насаб | Соли таваллуд | Вазн | Андозаи либос (S,M,L,XL) | Имзо |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | | | | | |
| 2 | | | | | |
| 3 | | | | | |
| 4 | | | | | |
| 5 | | | | | |
| 6 | | | | | |
| 7 | | | | | |
| 8 | | | | | |
| 9 | | | | | |
| 10 | | | | | |
| 11 | | | | | |
| 12 | | | | | |
| 13 | | | | | |
| 14 | | | | | |
| 15 | | | | | |
| 16 | | | | | |
| 17 | | | | | |
| 18 | | | | | |